**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 11293/9.1 аз «22» 07 соли 2019

Ба №__________ аз «___»__________ соли 20___

Фонди ҷамъиятии
"Рушди Тоҷикистон"
(РМА 020043775)
ш. Душанбе, кӯч. И. Сомонӣ 3/1

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби Шуморо оиди татбиқи имтиёзҳои андозӣ мавриди баррасӣ қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Аз омӯзиши маводҳо ва оинномаи Фонди ҷамъиятии "Рушди Тоҷикистон" бармеояд, ки фаъолияти Фонд аз расонидани ёрии иҷтимоӣ ба кӯдакони бемор аз оилаҳои камбизоат ва кӯдакони ятиму бепарастор, инчунин расонидани дигар кумакҳои хайриявӣ иборат мебошад.

Қисми 1 моддаи 8 Кодекси андоз муқаррар намудааст, ки барои мақсадҳои андозбандӣ, фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст.

Тибқи муқаррароти қисми 2 ҳамин модда фаъолияти Фонди ҷамъиятӣ дар қисмати амалиётҳое, ки ба гирифтани даромад ва ҷуброн равона нагардидааст, ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешаванд.

Дар ин мавридд, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 110, 169, 250 ва 294 Кодекси андоз маблағгузарониҳои ройгон, молу мулки ройгон ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд, аз андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андози низоми содакардашуда озод мебошанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки тибқи талаботи қисми 4 моддаи 8 Кодекси андоз дар он қисме, ки Фонди ҷамъиятӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд, дороиҳо ва фаъолияти он, ки бевосита ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманданд, дар алоҳидагӣ (ҷудо аз фаъолияти асосӣ) ба ҳисоб гирифта шуда, фаъолияти соҳибкории чунин ташкилот андозбандӣ мегардад.

Раис Н. Давлатзода

www.fond-rushd.tj